## «ҚОНУНДОН» - МАҲФИЛИ ИЛМИ ДОНИШҶӮЁН

Рӯзи 1-уми ноябри соли равон дар назди кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ маҳфили илми донишҷӯён таҳти унвони "Қонундон" дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ» чорабинӣ доир гардид.

Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсия Субҳоналӣ Мирзоев иштирокдорони маҳфили илмии мазкурро хушомадед гуфта, иброз дошт, ки воқеан, Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки ҷузъи муҳими сиёсати ҳуқуқии мамлакатро сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил медиҳад. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули ҳисси масъулият ва эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳо, дарк кардани ягонагии ҳуқуқ ва вазифаҳо ва амсоли ин масъалаҳои маърифатнокии аҳолӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар тадбирҳои судманди ҳуқуқиву иқтисодӣ ва иттилоотиву маърифатӣ дошта, таҳия қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Ба андешаи мавсуф, «Нақши Конститутсия дар таҳкими давлатдории миллӣ» яке аз мавзуъҳои мубрам дар шароити кунунӣ ба ҳисоб рафта, ба такмили қонунгузории миллӣ, баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ равона мегардад.

Дар маҳфили илми донишҷӯён Муҳаммад Ҳаймаҳмадов - донишҷӯи курси 3-юми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ дар мавзуи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - пояи устувори давлатдории миллӣ" ва Сайёра Зайнудинзода - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқи ин факултет дар мавзуи "Давраҳои инкишофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад намуданд.

Дар идомаи кори маҳфили илмии донишҷӯён намояндаи садорати факултет, омӯзгорони ботаҷрибаи кафедра ва донишҷӯёни фаъоли дастаи олимпии факултет фаъолона ширкат варзиданд.

Тағоймурод Эшзода






ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИЌТИСОДИ ТОЉИКИСТОН
ДУШАНБЕ – 2025

